ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.

Аз шоирони навҷӯ ва ҳунарманди адабиёти муосири тоҷик Мастон Шералӣ аст, ки бо эҷодиёти ғиноии худ маҳорати суханварии худро дар миёни аҳли қалам ва мухлисони адабиёт тасдиқ намудааст.

Диссертатсияи Ифтихори Амонқул ба таҳқиқи **«Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» бахшида шудааст,** саҳифаи тозаеро дар шинохти рӯзгору осори Мастон Шералӣ боз хоҳад кард. Дар ҳоле, ки то кунун дар хусуси ҳаёту эҷодиёти ин шоири ҳунарманд таҳқиқоти монографие сурат нагирифтааст. Ҳамаи ин ба мубрамии мавзуи таҳқиқот ишорати сареҳ доранд.

Аз мутолиаи автореферат бар меояд, ки диссертатсияи аз муқаддима ва чор боб иборат аст.

Муҳаққиқ дар боби якум **«Ҷойгоҳи Мастон Шералӣ дар адабиёти солҳои 60-80-уми садаи XX»** масоили вазъи адабиёт, рушду таҳаввул ва мавзуъҳои асосии ашъори шоирону адибонро ба таври зарурӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст. Махсусан, дар фаслҳои дуюму сеюм нахуст зиндагиномаи Мастон Шералӣ мушаххас шуда, сипас мероси адабӣ, аз ҷумла фаъолияти шоирӣ, драматургӣ ва тарҷумонии ӯ батафсил таҳқиқу баррасӣ гардида, ҷойгоҳи шоир дар адабиёти солҳои 60-80-уми садаи XX муайян шудааст.

Дар боби дуюм **«Мавқеи жанрҳои адабӣ дар эҷодиёти Мастон Шералӣ»** таркиби жанрии ашъори шоир муаяйну баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, диссертант зикр манамояд, ки дар ашъори Мастон Шералӣ жанрҳои адабӣ, мисли рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, маснавӣ, чаҳорпора ва шеъри озод ҷойгоҳу мавқеъ доранд.

Дар боби сеюм **«Вижагиҳои мавзуӣ ва бадеии ашъори Мастон Шералӣ»,** асосан, масоили мавзуву мундариҷа, бадеият ва забону сабки ашъори Мастон Шералӣ муайяну мушаххас шудаанд. Мавзуъҳои асосии ашъори шоир – ишқу муҳаббат, масоили иҷтимоӣ, ватану ватандӯстӣ ва модар номбар шудаанд. Муаллиф ҳангоми пажуҳиши бадеияти ашъори Мастон Шералӣ ба воситаҳои тасвири бадеӣ – ташбеҳ, истиора, саволу ҷавоб, ташхис, такрор дучор омада, нақши онҳоро дар ташаккули сабк ва мухайялии сухани адиб махсус зикр кардааст.

Дар баробари ин, муҳаққиқ ба ду унсури дигари зотии каломи манзум – вазну қофия таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ин масъала дар боби чорум **«Вазн, қофия ва радиф дар ашъори Мастон Шералӣ»** баррасӣ гардидаанд. Аз намунаҳои таҳлилшуда маълум мешавад, ки муҳаққиқ назарияи вазну қофия ва радифи шеъри форсӣ-тоҷикиро медонад ва дар мисолҳо онҳоро дурусту дақиқ муайян кардааст. Аз ҷумла, андешаҳои ӯ, дар мавриди вазифаҳои радиф дар шеър ҷолибу мантиқӣ буда, сазовори дастгириянд.

Навоварӣ ва бозёфтҳои илмии диссертант дар автореферати диссертатсия тавассути нақду муҳокимаронихо ва хулосаҳои мушаххаси илмӣ ифода

ёфтаанд. Муҳокима ва натиҷагириҳо дар 11 банд ба таври густурда ва фарогир хулоса шудаанд.

Дар баробари ин ҳама комёбӣ ва дастовардҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия баъзе камбудиву нуқсонҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши диссертатсияро афзун мекунад:

1. Дар саҳифаи 24-25-и авторферати диссертатсия ҳангоми таҳлили қофияи байти зерин:
   То ҳарфи ҳаќе зи боби фан мегӯем,
   Ҳар як ба талош мову ман мегӯем., муҳаққиқ калимаҳои қофияшавандаро «фан» ва «ман» нишон дода, решаи қофияро «ан» мегӯяд, вале (ба фикри мо, саҳван) на ҳарфи «н»-ро равӣ, балки ҳарфи «р»-ро равӣ мегӯяд. Дар ин ҷо ҳарфи «н» равӣ аст.
2. Дар матни автореферат дар навишти баъзе калимаҳо духурагӣ ё ғалатҳои имлоӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, арӯз-аруз (с.7,) паҳлу-паҳлӯ (с.20), арзишман (с. 10), бомуваффақият-бо муваффақият (с.11, с.11), бархурдор-бархӯрдор (с.13, с.15), андӯҳ-андуҳ (с. 11), хосси-хоси (с.25, с.28) қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя нагардидааст.

Нуқсонҳои болозикр ҷузъию ислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намесозанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи **Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ»** таҳқиқи комили илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори **дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)** мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забон ва фарҳанги
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ғаффоров Мизроб Ҷалилович

02.04.2026

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиё. Борбад, 48/5.
E-mail: mizrob66@mail.ru

«Имзои Ғаффоров М.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Шоҳрух Неъматович

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиё. Борбад, 48/5.
02.04.2026